# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асримиёнаи халқи тоҷик яке аз масъалаҳои муҳимми илми таърихнигории Тоҷикистони муосир мебошад. Бо назардошти ин, дар рисолаи диссертатсионии Шарифзода Ҷамолиддин Сафол яке аз марҳалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик – таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна бар асоси қиёси осори Эмомалӣ Раҳмон ва манбаъҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ва ин мубрамияти мавзуи рисоларо ташкил медиҳад.

Тавре аз муҳтавои автореферат бармеояд, дар рисолаи доктории мазкур мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аниқ, возеҳ ва дар сатҳи зарурӣ муайян гардидаанд. Ҳамзамон, дар диссертатсия сарчашмаҳои муътамади илмии ба хатти ниёгон (форсӣ) мавҷуд буда, бори аввал мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст дар таърихнигории муосир дар доираи рисолаи докторӣ масъалаҳои муҳимми таърихи аҳди бостони халқи тоҷик то замони Сомониён бар асоси омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсияи Шарифзода Ҷ. С. аз сарсухан, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса ва руйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда(422 номгӯй) иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 345 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мувофиқ аст. Ҳамзамон, мазмуни асосии диссертатсия дар 2 монография ва 28 мақолаи илмӣ инъикос шудааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект ва заминаҳои методологӣ, навгонии илмӣ, арзиши амалии диссертатсия муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Бозтоби масоили мубрами таърихи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад ва дар он масоили назариявӣ-методологии омӯзиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик», консепсия ва методологияи мухталифи таҳқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар пажуҳиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар зербоби сеюм масъалаи давлатдории

сулолаҳои ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» таърихи давлатдории ориёҳо дар асоси сарчашмаҳо ва осори Эмомалӣ Раҳмон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби дуюми рисола ба масъалаҳои дараҷаи омӯзиши забон, эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон, забонҳои ақвоми ориёӣ яке аз қадимтарин шохаҳои забони инсоният ва сатҳи омӯзиши эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст. Дар боби сеюми диссертатсия масъалаи истилои араб ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар осори Эмомалӣ Раҳмон, вижагиҳои ҳуҷуми арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр дар осори Эмомалӣ Раҳмон», дидгоҳи Эмомалӣ Раҳмон доир ба муборизаи озодихоҳонаи ниёкони тоҷикон бар зидди арабҳо таҳқиқ гардидааст.

Ҳамзамон, тавре аз автореферат маълум мегардад, дар боби чоруми диссертатсия вижагиҳои густариши тамаддуни ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ва эҳёи рукнҳои фарҳанги миллӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон, масъалаҳои сатҳи омӯзиши неҳзатҳои фикрӣ ва маънавии тоҷикон (асрҳои VII-VIII) дар осори Эмомалӣ Раҳмон, ҷойгоҳи сулолаҳои тоҷиктабор дар низоми идории Хилофати Араб мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар боби панҷуми диссертатсия масъалаҳои сатҳи омӯзиши давлатдории Тоҳириёну Саффориён дар осори Эмомалӣ Раҳмон, бозтоби нуфуз ва ҷойгоҳи таърихии Тоҳириён дар осори Эмомалӣ Раҳмон, нақши Саффориён дар эҳёи давлатдорӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон таҳлил гардидаанд.

Дар хулосаи рисолаи докторӣ фикрҳои ҷамбастӣ нисбати мавзуъ оварда шуда, пешниҳодҳои муаллиф ба асосноккунии маводи назариявию таҷрибавӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳлилу баррасии мавзуи мазкур аз сарчашма ва адабиёти гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, бавижа адабиёти илмӣ ба хатти ниёгону забони форсӣ истифода гардидааст, ки ин бартарии кори илмии мазкур мебошад.

Сохтори рисолаи докторӣ комил ва илмӣ буда, дар ҳар саҳифаи кор дониши мукаммали таърихнигорӣ доштани муҳаққиқ эҳсос мегардад. Ҳамзамон, аз шиносоӣ бо автореферати рисолаи доктории диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо масъалаҳои мубраму баҳсноки таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик (яъне то

Сомониён) дар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон муайян гардида, таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани давраи мазкури таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва оядаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои ҷузъии зерин ба назар мерасанд:

1. Дар автореферати рисола, махсусан дар навишти фамилия ва номи олимони русу Ғарб дар саҳифаҳои 24, 65, 70, 74, 77 ва 79 баъзе хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба мақсад мувофиқ аст.
2. Дар саҳифаи 19 банди 7 автореферат ҷумлаи дуюм таҳрирталаб аст. Ҳамзамон, дар рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда баъзе хатоҳои грамматикӣ ва техникӣ ҷой дорад.

Новобаста ба камбудиҳои ҷузъӣ рисолаи доктории Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон»» кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои докторӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих ҷавобгӯ мебошад.

Диссертант Шарифзода Ҷамолиддин Сафол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ
ва хизмати давлатии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти ҶТ, д.и.т.,
и.в. профессор Б.П. Ализода

Имзои Б. Ализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.З. Зарифхонов
«26» ____________ с. 2025

Нишонӣ:734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992 938 32 27 68, 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mai.ru